# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ - педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус пешниҳод шудааст

Мазмуни муҳтавои рисолаи илмии унвонҷуи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ - педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ» татбиқи талаботҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бар мегирад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот таҳқиқи инкишофи қобилияти зеҳнӣ-эҷодии ХИМ мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ ташкил медиҳад. Муҳаққиқ иброз менмояд, ки дар ҷомеаи муосир эҳтиёҷ ба таҳия ва татбиқи усулҳои муассир барои рушди неруи эҷодии ХИМ - дошта, ба хусус дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ талаботи замон мебошад, зеро таҳқиқу ҳалли ин масъала имконият медиҳад, ки онҳо ақидаи худро оид ба маъюбият бартараф карда, эҳсосоти манфии худро, ба ҷомеа бартараф намоянд ва фаъолияти худро такмил диҳанд. Дар ин раванд таҳсилоти фарогир дар ҳамаи муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ талаботи замон ва ҷомеаи муосир буда, аз он Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва ягона берун буда наметавонад ва аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ҳамарӯза истифода мебарад.

Дар доираи тадқиқот аввалан вазифаҳои мавриди омузишу таҳлил қарор додани адабиёти педагогӣ-равоншиносӣ ва илмӣ-методӣ оид ба рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони дорои ниёзҳои махсуси таълимӣ (НМТ) дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ, сипас муайян кардани мафҳумҳои "қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар маҳфилҳои эҷодӣ ва шароити ташкилӣ ва педагогӣ", инчунин муайян кардани сохтор ва меъёрҳои рушди қобилиятҳои эҷодии ХИМ; таҳия ва мутобиқ кардани барномаҳо барои маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ,

меҳнатӣ, ва дигар маҳфилҳои эҷодӣ, ки тағйирпазирии мундариҷаро таъмин мекунанд ва маҷмӯи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои барои рушди ангезаи эҷодӣ ва малакаҳои худидоракунии хонандагони имконияташон маҳдуд нигаронидашударо дар бар мегиранд; муайян кардани мундариҷа ва таҳияи методологияи омӯзиши касбӣ барои роҳбарони доираҳои эҷодӣ оид ба рушди қобилиятҳои зению эҷодӣ дар ХИМ, инчунин тарғиби фаъолияти эҷодӣ ва ташаббускорӣ; - санҷиши таҷрибавии самаранокии модели таҳияшуда ва шароити мушаххаси ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодӣ ва - таҳияи тавсияҳои методӣ барои мутобиқ кардани ХИМ ба муҳити доираҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ мавриди таҳқиқу истифодабарӣ қарор ёфтанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар хусусиятҳои инкишофии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ муайян карда шудаанд, ки бо хусусият ва вазнинии маҳдудҳои мавҷуда, инчунин муайян кардани имкониятҳои ба назар гирифтани ташкили фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳо муайян карда шудаанд, амсилаи ташкили фаъолияти ХИМ дар маҳфилҳои эҷодӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳо дар системаи таҳсилоти махсус ва иловагӣ асоснок карда шудааст. Барои фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии ХИМ маҳдуд бо назардошти имкониятҳои фардии равонӣ, физиологӣ ва таълимии онҳо таҳия карда шудаанд. Пешравии дигар, ин асосноккунии ҳамгироии ХИМ ба муҳити таҳсилоти иловагӣ тавассути фароҳам овардани шароити дастрас барои фаъолиятҳои муштараки эҷодӣ бо ХИМ - иқтидори педагогии таълими онлайн барои рушди шавқу рағбат ва фаъолияти эҷодии ХИМ муайян карда шуд ва барномаҳо ва нақшаҳои дарсии мувофиқ барои ташкили фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, корӣ ва дигар фаъолиятҳо таҳия шуданд. Щароитҳои педагогӣ ва амсилаву барномаи кории таҳияшуда дар рушди қобилиятҳои ЗЭ, шавқ ба эҷодкорӣ ва муоширати иҷтимоӣ байни ХИМ ба таври таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд.

**Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд** рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ дар муоширатии ХИМ аз хусусият ва вазнинии нуқсонҳои онҳо, сатҳи фаъолияти маърифатии онҳо, рушди шавқ ба эҷодкорӣ ва мавҷудияти муҳити рушдӣ вобаста аст, тасдиқ менамоянд. Ҳамгироии таҳсилоти махсус ва иловагӣ барои васеъ кардани таҷрибаи эҷодии муоширатии ХИМ фаъолият ва малакаҳои муошират онҳо шароит фароҳам меорад. Инчунин, исбот шудааст, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ дар ХИМ ҳангоми татбиқи системаи махсус тарҳрезишудаи фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои расмкашӣ,

мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳои эҷодӣ бо истифода аз кори фардӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ самараноктар аст. Самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таълими фосилавӣ (дарсҳои онлайн) дар рушди фаъолияти эҷодӣ ХИМ низ исбот шудааст. Ба таври таҷрибавӣ тасдиқ шудааст, ки татбиқи модели таҳияшуда ва шароити ташкилӣ ва педагогӣ ба динамикаи мусбат дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ, шавқи маърифатӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии ХИМ мусоидат мекунад.

**Аҳамияти назариявии ин таҳқиқот** дар равшан ва систематизатсияи фаҳмиши илмии рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар ХИМ дар таҳсилоти махсус ва иловагӣ мебошад. Мундариҷа ва сохтори фаъолиятҳои эҷодӣ барои ХИМ асоснок карда шудаанд, ки имкониятҳои онҳоро барои рушди фаъолияти маърифатӣ, малакаҳои муошират ва мутобиқшавии иҷтимоӣ ошкор мекунанд. Шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар ХИМ дар маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ ва меҳнатӣ муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар таҳия ва санҷиши маводи таълимӣ ва барномаҳои корӣ, ки барои рушди фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, малакаҳои муошırати ХИМ дар азхудкунии расмкашӣ, мусиқӣ ва фаъолиятҳои корӣ равона шудаанд, мебошад. Принсипҳои таҳияшударо муаллимон, мутахассисон ва роҳбарони гурӯҳҳои таълимӣ дар муассисаҳои махсус ва иловагӣ, ки бо ХИМ кор мекунанд, истифода бурда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар муассисаҳои махсус ва иловагӣ, ки таҳсилоти фарогирро амалӣ мекунанд, инчунин дар марказҳои омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони омӯзгорӣ барои кор бо ХИМ истифода бурд.

Боби якуми рисола ба «**Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд**» бахшида шуда, он аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал масъалаи **«Мушкилоти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд, тавассути ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ дар адабиёти равонӣ ва педагогӣ»** мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Таъкид мегардад, ки таҳсилоти фарогир ин раванди рушди таҳсилоти умумӣ мебошад, ки ба таъмини дастрасии таҳсил барои ҳамаи хонандагон, аз ҷумла, ХИМ - дошта нигаронида шудааст.

Дар илми педагогикаи хориҷӣ ва ватанӣ масъалаҳои марбут ба ташкили масъалаҳои марбут ба ташкили корҳоиислоҳнамоӣ дар таҳсилоти фарогир дар дастуру мақолаҳои илмии коркардҳои методӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагон дар муассисаҳои

махсус ва таҳсилоти иловагӣ тавассути рушди истеъдодҳои эҷодӣ аҳаммияти махсус дода шудааст. Аз ҷумла, қайд кард, ки ташаккули қобилият дар даврони кӯдакӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар бештари тарбиятгирандагон зуҳури қобилиятҳо хеле барвақт, дар баъзе аз намудҳои ҳунарҳову соҳаҳои санъат, аз қабили сурудхонӣ, иҷрои рақс, навохтани асбобҳои мусиқӣ, фарҳанги мусиқӣ, фарҳанги худомӯзӣ, нақшакашӣ, нақшофарӣ, дуредгарӣ, гулдӯзӣ, заргарӣ, дузандагӣ ва ҳунарҳои расмкашӣ ба вуҷуд меояд.

Инчунин, дар ин боб эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди худшиносии ХИМ - дошта дониста шуда, нақши он дар рушди ангезаҳои эҷодии ин гурӯҳи хонандагон муфассал нишон дода шудааст. Зимнан таъкид шудааст, ки қобилияти эҷодии онҳо бо хусусиятҳои психофизиологӣ, яъне бо хусусиятҳои системаи асаб алоқаманд мебошад. Вазифаи асосӣ ва душвори таҳсилоти иловагӣ аз он иборат аст, ки он уҳдадор аст, ин гурӯҳи хонандагонро барои оянда ба зиндагӣ омода намоем. Бо ин мақсад, онҳоро бештар ба корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ҷалб намуда, эътимод ба худро дар онҳо пайваста инкишоф диҳад, то ин ки онҳо тавонанд ба ҳадафҳои худ бирасанд ва мушкилотро паси сар кунанд.

Боби дуюми рисола ба таҳқиқи масъалаи «**Шароитҳои илмӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ**» бахшида шудааст. Таҳлили адабиёти ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар системаи таҳсилоти иловагӣ, инчунин, дар таҳсилоти махсус, иштироки ХИМ - дошта ба зудӣ мутобиқ шуда, дар як соҳаи муайян фаъолият кори мунтазам бурда мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хонандагони бо роҳи худомӯзӣ болаёқат шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ таҳсил мекунанд, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда худро дар соҳаи фаъолияти эҷодӣ, дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои эҷодӣ бомуваффақият метавонанд амалӣ созанд.

Муҳаққиқ иброз доштааст, ки бомаврид аст, ки роҳбари маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ барои баланд бардоштани корҳои эҷодии ХИМ - дошта, ба воситаи онлайн намоиш додани ихтироъкорӣ ва ғанӣ гардонидани шаклу усулҳои ҷараёни корҳои тарбиявӣ аз таҷрибаи якдигар ба роҳ монанд.

Боби сеюми рисола «**Доираҳои эҷодӣ ҳамчун муҳит барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд**» номгузорӣ шуда, дар зербоби аввал ҷанбаҳои « **Имконияти педагогии**

**дарсҳои расмкашӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ-эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд»** масъалагузорӣ гардидааст.

Дар ин боб қайд мегадад, ки ҳадаф ва мақсади ташкил кардани ҳамагуна маҳфил барои ХИМ - дошта пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки анализаторҳои ҳиссиёт, ҳисси биноӣ ва мушакҳои организмҳо фаъол шавад. Масалан, дар маҳфилҳои расмкашӣ иҷрои масъала ба ҳангоми расмкашӣ дар ХИМ - дошта кумак мекунад, ки онҳо ба маводҳои ҳиссӣ хубтар шинос шаванд, то ин ки хусусиятҳои соҳаи эҳсосӣ - ихтиёрияшон тавассути тасаввурот ва тафаккурашон ошкор карда шавад.

Таҳсилоти иловагӣ барои ташаккули ҳисси назорати дохилӣ, амалҳои сохторӣ дар сатҳи дохилӣ ва тартибот дар фикрҳо кумак мекунанд. Иштирок дар таҳсилоти иловагӣ таваҷҷуҳро ба ҳиссиёти худ ва хоҳишҳои бошуурона инкишоф медиҳанд ва мустаҳкам мекунанд. Расм дар натиҷаи амали эҷодӣ ба вуҷуд меояд, ки ин имкон медиҳад, ки эҳсосоти биноӣ равшан карда шавад ва ба кас имкон медиҳад, ки бо онҳо таҷриба гузаронида шавад. Таҳсилоти иловагӣ ҳисси арзиши ХИМ - доштаро баланд мебардоранд ва салоҳияти бадеияшонро такмил медиҳанд.

Маҳфилҳои эҷодӣ қисми ҷудонашавандаи системаи таълимӣ барои ХИМ - дошта буда, ба таъмини интихоби озод ва дастрасӣ ба барномаҳои таълимии иловагӣ нигаронида шудаанд, ки яке аз он донистани тарбияи мусиқӣ ва эҷод кардани он барои ХИМ –дошта нигаронида шудааст. Дар омода кардани кори илмӣ муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки таҳқиқотро на танҳо дар муассисаҳои махсус, балки дар муассисаи давлатии маркази кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе, ки яке аз пешоҳангони амалисозии корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, фаъолияти асосии он фарогирии насли наврас ба таҳсили иловагӣ иборат мебошанд, амалӣ карда шуд. Дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе барои гузаронидани маҳфилҳои тарбияи меҳнатӣ ба ҳукми анъана даромада, барои эҷодкорию навоварӣ шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Дар боби чорум масъалаи «**Тарҳрезӣ, татбиқ ва арзёбии самаранокии барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ, барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд**» баррасӣ гардида, зербоби аввал ба мавзуи **«Тарҳрезии барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ, барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд»** бахшида шудааст. Қобилиятҳои эҷодӣ ин натиҷаи аз худ кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои ин ё он намуди эҷодкорӣ ба монанди фарҳанги мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ мебошад.

Дар муассисаи давлатии кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе на танҳо барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакон ва наврасони солим, инчунин, бо ҳамин мақсад барои хонандагони имконияти маҳдуддошта якчанд маҳфилҳо «Дастони моҳир», «Наққошӣ», «Дасти шафқат», «Рузғордорӣ», «Тарроҳони наврас», «Попурдӯзӣ», «Дӯзандагӣ», «Зардӯзӣ», «Конструкторони наврас«» ва «Дуредгарӣ» фаъолият мекунад. Дар маҳфили «Конструкторони наврас» 70 - нафар хонандагон аз мактабҳои таҳсилотӣ марказ ширкат меварзанд. Танҳо 4 - нафари онҳо имконияти маҳдуддошта мебошанд. ХИМ - дошта дар баробари хонандагони солим фаъолият мекунанд, аз уҳдаи корҳои эҷодӣ мебароянд, инчунин, маҳфил аз рӯи як нақшаи тақвимӣ гузаронида мешавад.

Дар боби панҷум «**Корҳои таҷрибавӣ оид ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ»**, дар зербоби аввал **«Ташкил ва марҳилаҳои корҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ»** -ро дида мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Дар заминаи маводи гирдоваришуда аз муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» - и шаҳри Душанбе, ҳамагӣ аз рӯи 3 маҳфил дар кори назоратӣ арзёби намудем, ки ҳамчун амсила сохтори онро пешниҳод менамоем.

Ҷараёни инкишоф додани қобилиятҳои зеҳнӣ-эҷодии ХИМ - доштаи дорои нуқсонҳои синдроми аутизм, вайрон будани такягоҳи ҳаракатӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ новобаста аз нуқсон доштанашон бо роҳу усулҳои худтарбиякунӣ, худомӯзӣ ҳисси боварӣ доштанашон ба ҚЗЭ барои худ ва тавоноии ба қуллаҳои баланд баромаданашон фикру ақидаҳо пешниҳод карда шудааст. Ҳангоми татбиқ намудани барномаи таҳсилоти иловагӣ нақшаҳои дурнамои маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ таҷдиди назар шуда, ба намоишии гузошта шуданд. Барои баланд бардоштани савияи дониш ва самаранокии корҳои ислоҳӣ ва педагогӣ дар ташаккули рушду қобилиятҳои эҷодӣ мазмуну мундариҷаи нақшаҳои маҳфил барои ХИМ - доштагон пешбинишударо таҷдиди назар намудааст.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаи корҳои бaанҷомрасида ва тавсияҳо оварда шуда, тавсияҳо пешниҳод шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 5.3.6. Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, *ба банди 4.1.* – Омӯзиши хусусиятҳои инкишофи наврасон ва калонсолон дар шароити гуногуни таълиму тарбия бо

боздорӣ ва норасоиҳои нутқӣ, зеҳнӣ, эмотсионалӣ, ҳаракатӣ, инчунин бо норасоӣ ва нуқсонҳои барзиёд дар инкишоф, ки хусусияти модарзодӣ ва дар ҳаёт бавуқӯъомадаро доранд; *ба банди 4.2.* - коркарди системаи таълиму тарбия, мақсад, вазифа, мундариҷа, роҳҳои бартарафсозӣ, методу усул, восита, шаклҳои ташкили таълиму тарбия, технологияи информатсионию коммуникативӣ барои кӯдакон ва калонсолони дорои боздорӣ ва нуқсонҳои дар боло зикршуда; *ба банди 4.4.* таҳқиқи шароити педагогии оптималӣ барои иҷтимоишавӣ ва мутобиқсозии иҷтимоии кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои нуқсонҳои бо боздорӣ ва норасоиҳои нутқӣ, зеҳнӣ, эмотсионалӣ, ҳаракатӣ, инчунин бо норасоӣ ва нуқсонҳои барзиёд дар инкишоф, ки хусусияти модарзодӣ ва дар ҳаёт бавуқӯъомада.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия дида мешавад.

Натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 60 номгуй дастуру китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ аз чоп баромадаанд. Аз шумора, 19 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 дастуру китобҳои дарсӣ ва 35 номгӯй дар маҷмуаи конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллаӣ ба табъ расидаанд.

Дар давраи кор докторант Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд. Китобҳои дарсӣ, васоитҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ аз чоп баровардa, бо маърӯза дар конфренсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок ва баромад намудааст.

Хулоса, таҳқиқоти Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ - педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имкониятаашон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ», кори мустақилона ба итмомрасидаро ифода намуда, дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

№267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус тавсия дода мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
мудири шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Иматзода Лутфия Маҳмадулло

**Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 144, хонаи 198.
Тел.:(+992322) -227-62-46, Моб.: +992 555-33 -31-21.
Суроғаи электронӣ: e-mail: imatoval@mail.ru.

Имзои Л.М.Иматзодаро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадр ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Хосият

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. А.Адҳамов 11/2.
Тел.: 227 45 25; 227 46 00; e-mail: prmatt@maorif.tj.